**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ пешниҳод гардидааст.**

Бо пайдо гардидани аввалин барномаҳои компютерӣ, андешаи коркард, нигохдорӣ, таҳлил, талаффуз ва тарҷумаи матнҳо низ ба вуҷуд омад. Яке аз масъалаҳои мазкур ин хушоҳангӣ ё хоноии матнҳо ва баҳодиҳии он тавассути компютер мебошад, ки он барои қисме аз забонҳои дунё ҳалли худро пайдо намудааст.

Забони тоҷикӣ забони беҳтарин нобиғагони олам, забони назму насри пурҳикмат ва забони мардуми бофарҳангу бомаданияти тоҷикони рӯйи олам аст, ки дар ҳама давру замон башариятро роҳнамоӣ намуда, ҷомеаи ҷаҳониро рушду инкишоф додааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаматарафаи он, хусусан аз нуқтаи назари илмҳои риёзӣ ва технологияҳои иттилоотӣ кори ниҳоят арзишмандест. Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар ин мавзуи хеле муҳим ва зарурӣ барои забони тоҷикӣ ва илми тоҷик, бахшида шудааст.

Дар автореферат, усулҳои таҳқиқот ба таври умумӣ зикр шудаанд. Барои дақиқтар шудани тасвир, хуб мешуд, агар муаллиф ба таври муфассалтар шарҳ медод, ки кадом барномаҳо ё алгоритмҳои компютерӣ барои ҳисоб кардани критерияҳои миқдорӣ истифода шудаанд.

Муаллиф дар автореферат мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии онро равшан баён кардааст. Бахусус, натиҷаҳои илмии бадастомада арзиши махсус доранд:

Бори нахуст критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳо дар асоси таҳлили фонетикии забони тоҷикӣ таҳия шудаанд.

Дар асоси ин критерияҳо, калимаҳои тоҷикӣ аз нигоҳи хушоҳангӣ тасниф шуда, намунаҳои дақиқи таҳлил оварда шудаанд.

Хулосаҳои асосии рисола имкон медиҳанд, ки дар оянда аз онҳо на танҳо дар соҳаи фонетика, балки дар амалияи нутқ ва эҷодиёти бадеӣ истифода шавад.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд дида мешавад, ки камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии авторефератро кам намекунанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Дар бахши «Натиҷаҳои асосии ба дифоъ баровардашуда» баъзе аз меъёрҳои миқдорӣ, ки муаллиф пешниҳод кардааст, метавонистанд бо намунаҳои бештар тасдиқ карда шаванд.

2. Баъзе истилоҳоте, ки дар автореферат истифода шудаанд (масалан, «хушоҳангӣ»), метавонистанд бо тавзеҳоти иловагӣ шарҳ дода шаванд, то мафҳуми онҳо барои хонандагоне, ки мутахассиси ин соҳа нестанд, равшантар гардад.

3. Дар автореферат аҳамияти амалии тадқиқот зикр шудааст. Аммо, барои боз ҳам равшантар шудани он, хуб мешуд, агар муаллиф намунаҳои мушаххасеро меовард, ки чӣ тавр ин критерияҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ (масалан, дар системаҳои нутқӣ) истифода шуда метавонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ таҳия шуда, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои дақиқи филиали ДТТ дар ш. Исфара — Бобоев Л.Ғ.

Имзои н.и.т., дотсент Бобоев Л.Ғ - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ дар филиали ДТТ дар шаҳри Исфара — Додобоев Ҳ.Х.

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи илмии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ пешниҳод гардидааст.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи дунё барномаҳои гуногуни компютерие таҳия гардидаанд, ки муҳимтарин масоили дар забони миллиашонро ҳал карда натиҷаҳои манфиатборе ба даст овардаанд. Яке аз масъалаҳои мазкур ин хушоҳангӣ ё муносибхонии матнҳо ва баҳодиҳии он бо ёрии компютер ё смартфонҳо мебошад, ки он барои қисме аз забонҳои дунё ҳалли худро пайдо намудааст. Ҳадафи диссертатсияи мазкур ин омӯзиш ва рушду тараққии асосҳои андозагири хушоҳангии забони тоҷикӣ мебошад, ки дар оянда метавонад дар поку беолоиш нигоҳ доштани забони адабии тоҷикӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Аз автореферати диссертатсия бар меояд, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаҳои худкори шинохти хушоҳангии матнҳои забони тоҷикӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта асосҳои он таҳия шудааст. Дар натиҷаи таҳлил, муқоиса ва мушоҳидаҳои сарчашмаҳои гуногун, аз ҷониби муаллиф як қатор меъёрҳои миқдорию сифатии муайянкунандаи душворталаффузӣ ва хушоҳангии калимаҳои забони тоҷикӣ ошкор шуда, барномаи компютерии онҳо таҳия гардидаанд.

Автореферат мустақилона навишта шуда, он натиҷаҳои илмиеро дарбар мегирад, ки дастовардҳои шахсии Пиров С.М. ба ҳисоб мераванд. Иқтибосҳои зарурӣ ба манбаъҳои библиографӣ ва корҳои бевоситаи худи муаллиф дар автореферат инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои асосии рисола дар 13 корҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои дорои эътибори КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр

расида 2 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии расмии барномаи компютерӣ дар шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифи Вазорати фарҳанги ҶТ ва Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот ба қайд гирифта шудаанд.

Тибқи маълумоти дар автореферати овардашуда, кори диссертатсионӣ дар 143 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардида аз мундариҷа, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти фарогири 137 номгӯй ва замимаҳо мебошад.

Автореферати довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровард шудааст.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Беҳтар мебуд, агар дар боби якуми рисола дар бораи амсилаҳои дар ин мавзуъ таҳияшуда маълумот бештар меовард;
2. Муаллиф масъалаи муайянкунии хушоҳангию душворталаффузии калимаҳоро дида баромадааст. Хуб мешуд, агар барномаи сохташуда аломатҳои душворкунандаи талаффузи калимаҳоро нишон медод.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои

ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» сазовор аст.

**Муқарриз:**
профессори кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав,
доктори илмҳои физикаю математика: Шамсудинов Ф.М.

Имзои д.и.ф.м., профессор Ф.М. Шамсудиновро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

**Суроға:**
735140, Тоҷикистон , ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
**Тел. моб: (+992) 918 66 70 65**;
**E-mail**: faizullo100@yahoo.com

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ пешниҳод гардидааст.**

Забони тоҷикӣ дар доираи забонҳои дунё яке аз забонҳои хушоҳанг ва гӯшнавоз ба шумор меравад, ки ин вижагии он тавассути низоми савтии он ифода меёбад. Маҳз чунин вижагии савтӣ забони тоҷикиро дар масири таърих мондагор кардааст.

Аҳли илм собит намудаанд, ки дар низоми таҳқиқоти лингвистии забонҳои дунё илм наве бо номи фоносемантика ворид гардидааст, ки тибқи талаботи он овозҳои нутқ аз ҷиҳати савтӣ (фонетикӣ) ва ҳам аз ҷиҳати ифодаи маъноӣ дар як сохтори муайяни савтию луҷавӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Яъне дар баробари сохтори луғавӣ дар ифодаи маъно ва таъсири маъно ба шунаванда сохтори фонетикии калимаҳо низ нақш мебозанд.

Хушбахтона, бо рушди техникаи компютерӣ ва барномарезиҳои гуногун ин масоил мавзуи баҳси илми забоншиносии компютерӣ низ гардида, як қатор пажуҳишҳо дар ин самт ба анҷом расидаанд. Мавриди ба таъкид аст, ки дар самти ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ таҳқиқоти аз ҷониби Пиров Саидали Мирзоалиевич яке аз пажуҳишҳои аввалин аст. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқ қарор додани ин ҷанбаи вижагии фонетикии забони тоҷикӣ аз ҷониби Саидали Пиров шоистаи таҳсин буда, он таҳқиқоти нав ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии рисолаи С.М. Пиров, пеш аз ҳама, бо муҳимтарин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барнома ва стратегияҳои дар самти компютеркунонии ҷомеа, истифода ва рушди технологияи иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ, ҷорӣ намудан ва гузаштан ба ҳукумати электронӣ, ташкили махзанҳои иттилоотии калонҳаҷм ва таҳияи фарҳангҳои электрониву таъсиси пайкараи миллии забони тоҷикӣ қабулгардида робитаи зич дорад. Ҳадафи диссертатсияи мазкур ин омӯзиш ва рушду такмили асосҳои андозагирии хушоҳангии забони тоҷикӣ мебошад, ки дар оянда метавонад як афзори хубе барои поку

беолоиш нигоҳ доштани забони адабии тоҷикӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Рисолаи илмӣ аз мундариҷа, се боб, хулосаҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда, фарогири 137 номгӯй ва замимаҳо иборат мебошад, ки дар таҳриргари матнии Microsoft Word ҳуруфчинӣ шуда, аз 143 саҳифаи компютерӣ иборат аст.

Ҳангоми таҳқиқ муаллиф аз сарчашмаҳои боэътимод аз қабили осори Арасту, Абуалӣ ибни Сино, Шамс Қайси Розӣ, Асадии Тӯсӣ, Туракул Зеҳнӣ, Камолиддинов Б., Зарубин И.И., Расторгуев В.С., Хаскашев Т.Н., Файзов М., Кабиров Ш. муаллифи ин тақриз ва дигарон истифода карда, ҷанбаҳои гуногуни низоми овозии забони тоҷикиро аз нигоҳи олимону пажуҳишгарони ин самти таҳқиқот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Муаллифи рисола маҷмааи барномавиеро таҳия кардааст, ки аз тарафи Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот ҳамчун захираи моликияти зеҳнӣ шинохта шуда бо шаҳодатномаи муаллифӣ ба қайд гирифта шудааст.

Рисолаи илмӣ мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои асосии он дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои дорои эътибори КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба чоп расида 2 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии расмии барномаи компютерӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Автореферати довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровардa шудааст.

Дар автореферати рисолаи илмӣ баъзе норасогиҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Аломатҳои тавсифкунандаи хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ кам ба назар мерасанд;

2. Дар боби 2 ва 3-юми автореферат сухан дар бораи меъёрҳои хушоҳангӣ меравад, аммо дараҷаи таъсиррасонӣ ва ҳиссаи меъёрҳои пайдогардида муайян карда нашудаанд.

3. Ҳангоми таҳлил мавқеи овозҳо дар аввал, байн ва охири калимаҳо ба таври возеҳ нишон дода нашудаанд.

4. Дар баробари хушоҳангӣ ба ҷанбаҳои талаффузи душвор ҳангми пайиҳам омадани овозҳои ҳамгун таваҷҷуҳ кардани муҳаққиқ барои сифатан беҳтар гардидани пажуҳиш мусоидат мекард.

Камбудиҳои зикршуда, моҳияти илмии таҳқиқоти илмии унвонҷӯро кам накарда, ҷанбаи тавсиявӣ доранд.

Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷудбуда мутобиқ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Муқарриз:
ноиби президенти Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Саломиён М.Қ.

Имзои профессор М.Қ. Саломиён-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Т. Акрамзода

22 08 соли 2025

**Суроға:**
734018, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
**Телефон**: +992 (37) 2275480
**E-mail**: info@anrt.tj

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи Пиров Саидали Мирзоалиевич
дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии
хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти
математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва
шабакаҳои компютерӣ» пешниҳод гардидааст

Бо рушди босуръати илм ва техника дар замони муосир, робитаи байни соҳаҳои гуногун густариш ёфта, самтҳои нави тадқиқотӣ ба миён омадаанд. Яке аз онҳо забоншиносии компютерӣ мебошад, ки солҳои охир дар Тоҷикистон низ рушд ёфта истодааст. Аз ҷумла, масъалаи баҳодиҳии миқдорӣ ба хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ, ки дар кори диссертатсионии Пиров С.М. мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар диссертатсия масъалаи асосии тадқиқот - таҳияи асосҳои низоми худкори шинохти хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ – асоснок карда шуда, барои татбиқи он усулҳои математикӣ ва компютерӣ истифода шудаанд. Муаллиф бо истифодаи методҳои оморӣ ва модели γ-таснифгар самаранокии униграммаҳо, биграммаҳо ва триграммаҳоро барои муайян кардани дараҷаи хушоҳангии калимашаклҳо нишон дода, маҷмааи барномавии «Хушсадо»-ро таҳия намудааст, ки имкониятҳои васеъ дар амалия дорад.

Натиҷаҳои тадқиқот бо таҷрибаҳои компютерӣ тасдиқ гардида, дар маҷмӯъ бо саҳеҳияти баланд самаранокии усулҳои пешниҳодшударо нишон медиҳанд. Муаллиф натиҷаҳои илмии худро дар 13 мақола нашр намудааст, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ба табъ расидаанд. Илова бар ин, ӯ соҳиби ду шаҳодатномаи расмӣ оид ба бақайдгирии барномаҳои компютерӣ мебошад. Натиҷаҳои асосӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ шудаанд.

Кор дорои як қатор ҷиҳатҳои қавӣ мебошад мавзӯъ мубрам ва саривақтӣ буда усулҳои навини математикӣ бо забоншиносӣ муттаҳид карда шудаанд натиҷаҳо бо ҳисобу озмоишҳои компютерӣ асоснок гардидаанд барномаи «Хушсадо» ҳамчун дастоварди амалӣ метавонад дар соҳаҳои гуногуни илм маориф ва низомҳои коркарди матн татбиқ гардад.

Дар баробари ин, баъзе нуқсонҳо низ ҳастанд, масалан алгоритмҳои модели математикӣ пурра шарҳ дода нашудаанд ва маълумот оид ба триграммаҳо барои калимаҳои душворталаффуз комил нест Бо вуҷуди ин,

ин камбудиҳо сатҳи илмии диссертатсияро паст намекунанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда ислоҳ шаванд.

Автореферати рисолаи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзӯи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» пурра ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ мутобиқ буда, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад ва муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии ДДҲБСТ — Ш.Ф. Муҳамедова
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Сомонаи расмӣ: www.tsulbp.tj,
e-mail: tsulbp@rambler.ru,
тел.: (83422) 2-38-11,
факс: (83422) 2-51-70.

Имзои Ш.Ф. Муҳамедоваро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ, дотсент — А.Х. Бобоев

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС